**Суратмаҷлиси №26**
**Маҷлиси шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «19» апрели соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 17 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 4 нафар.

Ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-048 19- уми апрели соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Ҳасанов Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 17 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024 таҳти №484/ҳя тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ

тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 15 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи якдафъаинаи ошкорои рисолаи номзадии Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович дар мавзӯи «Коркарди усулҳои такмили донишҳои математикии хонандагони синфи 8- ум зимни омӯзиши фанни алгебра бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия 13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ).

Диссертатсия дар кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Ҷалилов Хуршед Мақсудович-** номзади илмҳои физика - математика, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Шодиён Муҳаммад Султонзода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**2. Қурбонова Умеда Талабовна -** номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвончӯ:** Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Сафаров Ҷ., Абдураҳимов А.О., Назаров А.П. ва Мавлоназаров С.С., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвончӯ **Ҷалилов Хуршед Мақсудович**- номзади илмҳои физика - математика, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Тақризи муассисаи пешбар** МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Саидҷаҳфаров А.И. бо имзои раиси ҷаласа декани факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров н.и.п. Маҳмудов И.М., мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ н.и.п. Абдулакимова Ҷ.А., мудири кафедраи алгебра ва геометрия н.и.п. Ризоев Э.С ва котиби ҷаласа н.и.п. Раҷабзода С.Ҷ. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои таърих, профессор, Усмонзода Аюб Ислом аз 18- уми марти соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович дар мавзӯи «Коркарди усулҳои такмили донишҳои математикии хонандагони синфи 8- ум зимни омӯзиши фанни алгебра бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси

13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ), сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Шодиён Муҳаммад Султонзода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. **Қурбонова Умеда Талабовна -** номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Саидҷаҳфаров А.И. ворид шудаанд:

1. Юсупов Гулзорхон Амиршоевич – д.и.ф.-м., мудири кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

2. Каримов Олим - д.и.ф.-м., муовини директор оид ба илм ва таълим Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ.

3. Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо – номзади имлҳои физикаю математика, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Саидов Асомуддин Қурбонович – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи математикаи олӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи куҳию металургии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

5. Азимова Назира Самадовна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва технологияи рақамии "Донишкадаи байналмиллалии Хуҷан"- и ДБССТ. Тақриз мусбат мебошад.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Саидҷаҳфаров А.И. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Саидҷаҳфаров А.И. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессор Комилӣ А.Ш., профессор Сафаров Ҷ. ва дотсент Гулова М. интихоб гардид. Комиссия овозиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 15 аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 15 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои **якдафъаинаи** диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович дар мавзӯи «Коркарди усулҳои такмили донишҳои математикии хонандагони синфи 8- ум зимни омӯзиши фанни алгебра бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Шодиён Муҳаммад Султонзода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Қурбонова Умеда Талабовна -** номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)- ро дастгирӣ намуда, барои ба Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 15 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**
"_19_"___04____2025

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.
ҶМ